ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Музафаров Ниёзбек Азизович дар мавзӯи «Асосҳои назариявӣ-методии ҷорӣ намудани воситаҳои техникӣ бо истифода аз технологияи информатсионӣ ва комуникатсионӣ дар раванди таълими хонандагони муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.03. – 13.00.02.03. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти миёнаи умумӣ)

Муаллифи диссертатсия Музафаров Ниёзбек Азизович соли 2008 факултети математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ -ро аз рӯйи ихтисоси математика-информатика (рӯзона) хатм намудаст. Солҳои 2009-2010 – мудири кабинети ТИК дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ кор ва фаъолият намуд. Солҳои 2010-2017 – ассистенти кафедраи Асосҳои технологияҳои иттилоотии умумидонишгоҳи ва аз 2017 то инҷониб муаллими калони кафедраи ТИК-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Тибқи нақша дар мавзӯи «Асосҳои назариявӣ-методии ҷорӣ намудани воситаҳои техникӣ бо истифода аз технологияи информатсионӣ ва комуникатсионӣ дар раванди таълими хонандагони муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.03. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти миёнаи умумӣ) ба пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ фаъолият намудааст.

Яке аз масъалаҳои мубраме, ки аз ҳайати педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии калон дорад, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020», «Барномаи рушди фанҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020», «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф дар солҳои 2020-2040» тарбия намудани мутахассисони касбии насли имрӯза ва донандаи технологияҳои инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар барои ҷомеаи муосири иттилоотӣ мебошад.

Навгонии илмии асосии таҳқиқот аз он иборат аст, ки бори нахуст маҳз аз тарафи унвонҷӯ Музафаров Ниёзбек Азизович, хосиятҳои шартҳои педагогии воридсозии технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ дар раванди таълим ва тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, унсурҳои маърифатӣ, ҳавасмандкунӣ ва рафториро таҳқиқ шудаанд.

Муаллиф дар раванди омӯзиши масъалаҳои таҳқиқот, равшан кардани муҳимияти мафҳумҳо: «тафаккури педагогӣ», «услуби тафаккур», «услуби инноватсионии тафаккур», «вазифаҳои байнифаннӣ», «амсиласозии математикӣ ва компютерӣ бо ҳамгироии робитаҳои байнифаннӣ», «системаи педагогии ташаккули услуби инноватсионии тафаккур», барномаи муаллифии курси интегративии «амсиласозии компютерии масъалаҳои байнифаннӣ», дастурҳои методӣ ва тавсияҳо барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва донишҷӯёнро тартиб додааст ва бо сифати баланд иҷро карда, аз рӯйи соҳаи таҳқиқот дорои сифатҳои мутахассиси ташаккулёфта ва соҳиби маърифату фарҳанги иттилоотии баланд будани худро нишон додааст.

Ба сифати пойгоҳи иттилоотӣ-таҳқиқотӣ аз асарҳои олимони ватанӣ, рус, ва хориҷӣ дар соҳаи фалсафа, педагогика ва инноватсия истифода карда шудааст. Корҳои асосии таҷрибавӣ-эксперименталӣ дар заминаи литсейи назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми №10-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ гузаронида шуд.

Таҷрибаи пилотӣ имкон дод, ки аз якчанд литсей ва гимназияи шаҳри Душанбе низ маводи пешакӣ дастрас карда шудааст. Дар маҷмӯъ, таҳқиқот дар марҳилаи муайянсозӣ ва ташаккули марҳилаҳои таҷрибавӣ 50 роҳбари синф, 134 омӯзгори фанҳо ва 1902 хонандагони муассисаҳои нави таълимиро фаро гирифт.

Унвончӯ Музафаров Ниёзбек Азизович бо истифодаи маводи зиёди илмию амалии аз адабиётҳои илмӣ, китобхонаҳо ва интернет дастраснамудааш қобилияти иҷро намудани таҳқиқоти *назариявӣ* (расмӣ, индуксия ва дедуксия); *мантиқии умумӣ* (таҳлили адабиёти илмӣ ва педагогӣ, таҷрибаи педагогӣ, абстраксия, амсиласозӣ, умумӣ ва шарҳи натиҷаҳои тадқиқот); *таҷрибавӣ* (омӯхтани таҷрибаи пешқадам, ҳуҷҷатҳои таълимию методӣ, мушоҳидаи педагогӣ, сӯҳбат, пурсиш ва санҷиши донишҷӯён ва омӯзгорон, усулҳои педагогӣ, таҷрибаи педагогӣ); *статистикӣ* (ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандии иттилооти оморӣ, коркарди натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ, таҳлилҳои миқдорӣ ва сифатии таҷрибаи педагогӣ) – ро мавриди ба омӯзиш қарор додааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 32 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашр расида ва 27-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба чоп расида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

Натиҷаҳои илмии мазкур аз тарафи мутахассисони пешбари соҳа баҳои баланд гирифта, бо эътимоди кофӣ муҳтавои таҳқиқоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Натиҷаҳо ва муҳтавои асосии нашршудаи диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, саҳми шахсии муаллифро муаррифӣ менамоянд. Дар мустақилона таълиф ва пешбурди кори илмӣ-тадқиқотӣ дар шакли диссертатсия ва ширкати ӯ дар масъалагузориҳои мавзӯъ, таҳқиқоти назариявӣ, амсиласозӣ, барномарезӣ, бароҳандозии озмоишҳо, таҳлил, тафсия ва ҳамчунин дар муҳокимаи натиҷаҳои бадастомада ифода ёфтааст. Натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ бо бутунияти сохтории диссертатсия таъйид гашта, дар шакли алоқаҳои байниҳамдигарӣ сурат гирифта, дар доираи тақиқоти назариявӣ ва амсиласозиҳо, коркардҳои оморӣ, математикӣ ва компютерӣ саҳми босазо метавонанд гузоранд. Нуқтаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои диссертасионӣ ба воситаи усули амсиласозии компютерӣ дар шакли маҷмӯи барномаҳои таҳияшуда асоснок ва тасдиқ гардидаанд.

Ҳисоб мекунам, ки таҳқиқоти диссертатсионии Музафаров Ниёзбек Азизович кори ба итмом расидаи мукаммали илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф дорои сифатҳои баланди касбӣ буда, метавонад аз рӯйи соҳаи таҳқиқоти илмии худ масъалаҳои илмӣ-таҳлилӣ гузорад, онҳоро ҳал намояд ва ба тарбияи кадрҳои илмӣ машғул шавад. Дар маҷмӯъ Музафаров Ниёзбек Азизовичро метавон ҳамчун корманди илмӣ-педагогии ташаккулёфта ва ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ сазоворбуда тавсиф кард.

Таҳқиқоти анҷомдодаи Музафаров Ниёзбек Азизович ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба мувофиқ гардонидани натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ ва эксперименталӣ, ки дар паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифтаанд, хеле созгор мебошанд ва дар доираи амалисозии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва «Барномаи ҳукумати электронӣ» тарҳрезӣ гаштааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Музафаров Ниёзбек Азизович дар мавзӯи «Асосҳои назариявӣ-методии ҷорӣ намудани воситаҳои техникӣ бо истифода аз технологияи информатсионӣ ва комуникатсионӣ дар раванди таълими хонандагони муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» ба тамоми талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» (Қарори Ҳукумати ҶТ, №267 аз 30.06.2021) ҷавобгӯ буда, ба пуррагӣ аз рӯйи талаботи шинбмномаи ихтисоси 13.00.02.03. — Назария ва методикаи фанҳои

дақиқ (информатика, таҳсилоти миёнаи умумӣ) ба пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ фаъолият намудааст.

Дар ин радиф меҳисобам, ки диссертатсияи Музафаров Ниёзбек Азизович ба шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз рӯйи ихтисоси шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.03. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти миёнаи умумӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст ва худи муаллиф бешубҳа сазовори дараҷаи илмии матлуб мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. С.С.Мавлоназаров

Суроға: 734003 Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.
Саид Носир, 33.
тел. (+992) 939-99-60-99
email: silmon@mail.ru

Тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Ф.З.

03.01.2023